**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**ҚАРОР**

**Дар хусуси тасдиқи Қарор дар бораи Қоидаҳои назорати гумрукии интиқоли молҳои дорои объектҳои моликияти зеҳнӣ ба воситаи сарҳади гумрукӣ**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Қарор дар бораи Қоидаҳои назорати гумрукии интиқоли молҳои дорои объектҳои моликияти зеҳнӣ ба воситаи сарҳади гумрукӣ, ки аз ҷониби Шӯрои сарони ҳукуматҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар шаҳри Москва 28 сентябри соли 2001 қабул гардидааст, тасдиқ карда шавад.

2. Вазорати даромадҳо ва пардохтҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷоя бо вазорату идораҳои манфиатдор ҷиҳати иҷрои Қарори мазкур тадбирҳои зарурӣ андешад.

3. Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳфуздорандаро дар бораи аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро гардидани расмиёти дохилидавлатие, ки барои эътибор пайдо кардани Қарори мазкур заруранд, огоҳ намояд.

**Раиси Ҳукумати**
**Ҳумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмонов**

**аз 30 апрели соли 2002 № 185**
**ш. Душанбе**